# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**номзади илмҳои иқтисодӣ Лутфулоев Мазбутджон Дадожонович ба диссертатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзуи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Объект, мавзуъ ва навгониҳои диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мувофиқат мекунад: 2. Тамоили муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар соҳаи савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 26. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 29. Таъмини сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 33. Такмили ташкил ва идоракунии самтҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои савдо, субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

## 2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот

Яке аз ҳадафҳои рушди устувори кишвар рақамикунонии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Муҳиммияти ин масъала дар таҷрибаи кишварҳои аз лиҳози истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ пешқадам, собит гардидааст.

Соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ҷузъи муҳимми иқтисодиёти миллӣ буда, пеш аз ҳама аҳамияти иҷтимоӣ дорад. Такмили механизми хизматрасонӣ дар ин самт аз лиҳози саривақт ва босифати баланд қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ хеле муҳим мебошад.

Бояд қайд намуд, ки гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ муносибатҳоро оид ба ташкили хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ пурра тағйир додааст. Дар кишварҳои муттарақии ҷаҳон раванди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо истифода аз технологияи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷа сатҳи хизматрасонӣ беҳтар гардида, дастрасии аҳолӣ ба объектҳои хусусияти маишӣ дошта, ба маротиб осон гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи рақамикунонии иқтисодиётро пеш гирифтааст, метавонад бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ба инобат гирифтани имкониятҳои ҷойдошта сифати хизматрасонии маиширо ба аҳолӣ беҳтар намояд.

Бо назардошти ин андешаҳо интихоби мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои гузоштащуда мубрамияти диссертатсияро нишон медиҳад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии диссертатсия гузориш ва ҳалли маҷмуи вазифаҳои мушаххас оид ба такмили механизми хизматрасониҳои маиширо дар бар мегирад, ки он ба таҳияи платформаи иттилоотию иртиботӣ барои истеҳсолкунандагони хизматрасониҳо дар формати вақти воқеӣ равона шудааст. Ин иқдом ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизматрасониҳои маишӣ дар муҳити иқтисодиёти рақамӣ мусоидат менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии самтҳои назариявӣ, коркард ва пешниҳоди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ иборат буда, дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои зерин ба даст оварда шудаанд:

1. Пеш аз ҳама диссертант мавқеъ, нақш ва аҳамияти бозори хизматрасонии маиширо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор додааст. Муаллиф нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷиро оид ба аҳамияти хизматрасонии маишӣ омӯхта, хулосаи худро оид ба хусусиятҳои он, ки пайваста зери таъсири омилҳои муҳити бозорӣ ва рафтори субъектони соҳа қарор дорад, пешниҳод намудааст.

2. Дар асосии омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои илмӣ ва дигар манбаъҳо хусусиятҳо, мушкилоти рушд ва тараққиёти бозори хизматрасонии маишӣ дар шароити муҳити рақобатнокӣ муайян карда

шуданд. Маҷмуи принсипҳо ва талаботҳо ҷиҳати таъмини аҳолӣ ба хизматрасонии маишӣ пешниҳод гардидааст.

3. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ таҳлил гардида, имконияти татбиқи он дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф бо такя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ пешниҳод менамояд, ки аз рӯйи хусусиятҳои худудӣ барои ҷумҳурии мо, таъсис додани палатаҳои ҳунармандӣ қобили қабул буда, барои ҳамоҳангсозии фаъолияти самараноктари субъектҳои хоҷагидорӣ ва гузаронидани назорату экспертизаҳо мувофиқи мақсад мебошад.

4. Аз ҷониби диссертант нишондиҳандаҳои рушди бозори хизматрасониҳои маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, омилҳои таъсиррасон ба талаботи аҳолӣ, аз ҷумла унсурҳои дохилӣ ва хориҷӣ муайян шудаанд. Дар асоси ин таҳлил, модели иқтисодӣ-математикӣ барои муайян намудани вобастагии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз рушди соҳаи хизматрасониҳои маишӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

5. Муаллиф ҷиҳати беҳтар намудани механизми баҳодиҳии сифат ва танзими давлатии хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ тавсияҳои илман асоснок пешниҳод намудааст, ки ҳаллаи масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: ҷойгиркунии оқилонаи корхонаҳои хизматрасонӣ бо дарназардошти таҳкими накши мақомоти маҳаллӣ, истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва рушди соҳибкории хурду миёна, инчунин, татбиқи сиёсати дастгирии онҳо.

6. Бо дарназардошти таҳқиқотҳои анҷомдодашуда самтҳои такмилёбии механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта

Мақсади рисолаи номзадӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва коркарди самтҳои асосии такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати онҳо дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои расидан ба ин ҳадаф муаллиф аз усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ истифода бурда, вазифаҳоеро ҳаллу фасл намудааст, ки аз лиҳози

назария ва амалияи рушди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ аҳамияти хеле калон доранд. Натиҷаҳои бадастомада ба ҳадафҳое, ки дар барномаю стратегияҳои давлатӣ, ки самти рушди бозори хизматрасонии маиширо муайян менамоянд, то андозае мувофиқат мекунанд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**

Рисолаи диссертатсионӣ аз рӯйи мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот муайян карда мешавад. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 175 номгӯй ва 8 замима иборат аст. Матни диссертатсия дар ҳаҷми 180 саҳифа пешниҳод шуда, 46 ҷадвал ва 28 расмро дар бар мегирад.

Дар муқаддима (саҳ. 4-19) мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сатҳи илмии омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмет ва методҳои таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсия ва саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот ифода шудаанд.

Дар боби аввал **«Асосҳои назариявӣ-методии хизматрасонии маишӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ»** (саҳ.20-54) заминаҳои илмӣ, назариявӣ ва методии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо дарназардошти гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси ин намуди хизматрасонӣ бо такя ба таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст. Муаллифи рисолаи мазкур бо такя ба сарчашмаҳои гуногуни илмӣ нуктаи назари илмии худро оид ба мафҳуми хизматрасониҳои маишӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешниҳод намудааст. Аз нигоҳи диссертант хизмати маишӣ маҷмуи намудҳои мақсадноки фаъолиятест, ки мақсади вазифавии низоми истеъмолии шахсии он дар таъмин ва фурӯши хизматҳои пулакӣ ба аҳолӣ ифода гардида, аз ҷиҳати ҷисмонӣ, моддӣ, интеллектуалӣ, ҷамъиятӣ ва дигар эҳтиёҷотро қонеъ мегардонанд (саҳ. 21). Таърифи мазкур воқеъан як навгонӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаҳои назариявӣ ва методии онро дар шароити бозор пурра мегардонад.

Муаллиф омилҳои ба рушди бозори хизматрасонии маиширо таҳлил намуда, онҳоро вобаста ба даромади аҳолӣ, хусусияти маҳал, вазъи демографӣ, сатҳи таъминоти техникӣ ва дигарон ҷудо намудааст (саҳ. 23-24). Бояд қайд намуд, ки омилҳои мазкур тамоюли рушди бозори хизматрасонии

маишӣ ба аҳолиро муайян намуда, дар навбати худ метавонанд таъсири мусбат ва ё манфӣ дошта бошанд.

Зимни омӯзиши масъалаи мазкур муаллиф корҳои алоҳидаи илмиро дар самти таҳқиқи ҷанбаҳои назаривии иқтисодиёти рақамӣ анҷом дода, унсурҳои асосии онро муайян ва пешниҳод намудааст (саҳ. 29). Ба воситаи ин унсурҳо муносибатҳо дар байни субъектони иқтисодӣ, ки аз технологияи рақамӣ истифода мебаранд, ташкил ва амалӣ карда мешаванд.

Дар доираи боби мазкур муаллиф меъёрҳои таснифи хизматрасонии маишӣ ба аҳолиро пешнишод намудааст (саҳ. 35). Ба инобат гирифтани меъёрҳои мазкур барои ташкили оқилонаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ муҳим ба ҳисоб рафта, аз рӯйи онҳо арзёбии самаранокии корҳо дар ин самт имконпазир мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия **«Баҳодиҳии вазъи муосири хизматрасонии маишӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (саҳ. 55-104) баррасӣ гардидааст. Дар инҷо муаллиф вазъи дастрасии аҳолиро ба хизматрасонии маишӣ таҳлил намуда, омилҳои таъсиррасон ва роҳу усулҳои баҳодиҳии сифати хизматрасонии маишӣ ба аҳолиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муаллиф зими таҳлил аз маълумотҳои омори расмӣ истифода бурда, арзёбии динамикаи рушди бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолиро бо истифода аз усулҳои маъруфи таҳлилӣ анҷом додааст. Дар навбати аввал диссертант тамоюли рушди аҳолии кишварро аз рӯйи минтақаҳо таҳлил намуда (саҳ. 55), сипас нишондиҳандаҳои асосии рушди хизматҳои пулакиро аз рӯйи тамоми воситаҳои фурӯш (саҳ. 56), маҷмуи даромади миёна ба ҳар нафар аҳолӣ, индекси нархҳои истеъмолӣ ба хизматҳои пулакӣ ва ҳаҷми хизматҳои пулакӣ (саҳ. 57) ва дигар нишондиҳандаҳое, ки вазъи воқеъии бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолии кишварро инъикос менамоянд, мавриди омӯзишиш ва хулосабарорӣ қарор додааст. Муаллиф як қатор мушкилотҳое, ки рушди бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолиро дар кишвар боз медоранд, ошкор намудааст, ки онҳо асосан ба дараҷаи пасти ташкилёбии истеҳсолот ва меҳнат, истифодабарии бесамари иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳо, норасоии захираҳои молиявӣ ҷиҳати сохтмон ва азнавсозии объектҳои хоҷагӣ, сатҳи пасти хизматрасонӣ бо сабаби норасоии кадрҳои тахассусманд, набудани шабакаи муассисаҳои хизматрасонии

маишӣ аз рӯйи дастрасии масофавӣ дар минтақаҳои кишвар, истифодаи нопурраи технологияҳои инноватсионӣ ва таъмини ашёи хом ва масолеҳи пастсифат зич вобаста мебошанд (саҳ. 67-68).

Ҳамчунин, муаллиф асоснок намудааст, ки рушди бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ танҳо дар сурати баланд бардоштани сифати он имконпазир буда, барои ин зарур аст, ки низоми идоракунии сифати хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо истифода аз технологияи рақамӣ мукаммал гардонида шавад (саҳ. 103-104).

Боби сеюми рисолаи диссертатсионӣ «**Роҳҳои такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонӣ»** (саҳ.105-146) номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои вобаста ба танзим ва дастгирии давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, самтҳои такмилдиҳии он ва имконияти истифодаи амсилаи иқтисодию математикии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бо дарназардошти мавқеъи бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дида баромада шудааст. Муаллиф зимни омӯзиш нақши давлатро дар рушди бозори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дида баромада, усулҳои танзими давлатиро мавриди таҳлил қарор додааст (саҳ. 117). Ҷиҳати мукаммал гардонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ муаллиф воситаҳои идоракунии он бо дарназардошти ба инобат гирифтани шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешниҳод намудааст (саҳ. 128-130). Азбаски хизматрасонии маишӣ ҷузъи таркибии иқтисодиёти миллӣ буда, он пайваста ба рушди ММД таъсир мерасонад, муаллиф дар доираи кори мазкур вобастагии онро бо истифодаи амсилаи иқтисодӣ-математики ифода намудааст. Бо ин восита муаллиф собит менамояд, ки барои ташаккули сохторҳои мувофиқи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, таҳқиқоти сифати хизмати маишии аҳолӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ зарур мебошад (саҳ. 143).

**Дар хулоса ва пешниҳод** ҷамъбасти натиҷаҳои асосии таҳқиқот иборат аз 9 банд ва тавсияҳои барои истифодаи амалии он иборат аз 7 банд оварда шудааст (саҳ. 147-153).

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки аз ҷониби муллифи диссерататсия бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва коррелятсионӣ-регрессионӣ, таълифи таснифҳо ва ҷадвалҳои таҳлилӣ, гурӯҳбандӣ, баҳодиҳии экспертӣ, PEST-таҳлил ва баҳодиҳии иқтисодӣ-оморӣ ба даст оварда шудаанд,

метавонанд барои рушди устувори хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ аҳамияти назариявӣ, методӣ ва амалӣ дошта бошанд.

**7. Нашри натиҷаҳои диссерататсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ** 11 асарҳои нашршуда бо ҳаҷми умумии 27,21 ҷ.ч. (муаллифӣ – 13,605 ҷ.ч.) ва дар нашрияҳои илмии тақризшаванда 7 мақолаҳое, ки ҳаҷми умумии 9,15 ҷ.ч. (муаллифӣ – 5,89 ҷ.ч.) ба чоп расидааст.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсия мазмун, мундариҷаи асосӣ, ва вазифаҳои асосии кори мазкурро пурра инъикос намуда, маводи мазкур ва автореферати он мутобиқ бо талаботҳои ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барасмият дароварда шудааст.

**9. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталабе ҷой доранд, ки байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар диссертатсия омилҳои асосии талаботи аҳолӣ ва хизматрасониҳои маишӣ ба таври мукамал нишон дода нашудааст;

2. Дар расми 1.1.1., саҳифаи 23 муаллиф омилҳои рушди бозори хизматрасониро дида баромадааст. Аммо, дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба рушди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ аз ҷониби диссертант дида баромада нашудааст;

3. Дар дисертатсия мафҳуми хизматрасонии маишӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ пурра дарҷ нагардидааст;

4. Дар зербоби 1.2. хусусиятиятҳои рушди бозори хизматрасонии маишӣ бо дарназардошти талабот ва фарҳанги истеъмолии аҳолии кишвар пурра баррасӣ нашудааст;

5. Хуб мешуд агар дар зербоби 1.3. нақшаи амалро оид ба рушди БХМ бо дарназардошти таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ пешниҳод карда мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

### 10. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзуи "Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикргардида мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи технологияҳои**
**иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи**
**давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Лутфулоев М.Д.**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1
Тел: +992928622266
E-mail: maz_lutf@mail.ru

*Имзои М.Д. Лутфулоевро тасдиқ менамоям:*
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Бобоев А.Х.**

Суроғаи муассиса: 735700, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1
Тел: +992(3422)2-38-11
E-mail: Info@tsulbp.tj, tsulbp@rambler.ru
Факс: +992(3422)2-51-70
«15» 09 соли 2025